Шарму ҳаёи Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз духтари бокирае, ки дар хилвати худ аст, бештар буд. Агар чизеро медид ва барояш нописанд мебуд, асари онро мо дар чеҳрааш эҳсос мекардем

Аз Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Шарму ҳаёи Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз духтари бокирае, ки дар хилвати худ аст, бештар буд. Агар чизеро медид ва барояш нописанд мебуд, асари онро мо дар чеҳрааш эҳсос мекардем.
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) хабар медиҳад, ки Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз духтари бокирае, ки ҳанӯз издивоҷ накардааст ва бо мардон муошират надошта ва дар хонааш аз чашмҳо пинҳон аст, боҳаётар буд. Аз шиддати ҳаёе, ки доштанд, агар чизеро намеписандиданд, аз рӯяшон маълум мешуд, рӯяшон тағйир меёфт, вале чизе намегуфтанд, балки асҳобашон аз чеҳраи муборакашон мефаҳмиданд, ки он чиз ба эшон писанд нест.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3153